# ДАР ИМД АЗ КАДОМ ФАНҲО ИМТИҲОН МЕСУПОРАНД?

Ба ИМД дар доираи қисмҳои А – имтиҳон дар заминаи барномаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ (синфи 11-ум) ва Б – имтиҳон дар заминаи барномаҳои таълимии таҳсилоти умумии асосӣ (синфи 9-ум) фанҳои таълимие ворид гардидаанд, ки барои дохил шудан ба муассисаи таълимии таҳсилоти миёна ё олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон довталаб вобаста аз гурӯҳи ихтисосҳои интихобнамудааш ва қисми имтиҳони дахлдор бояд аз рӯйи 4 ё 3-тои онҳо имтиҳон супорад.

Дар барномаи имтиҳон тавсифи имтиҳон аз ҳар фанни таълимӣ, талабот ба дониш ва малакаю маҳорати довталаб, шарҳи саволу масъалаҳои тест (навъ ва миқдори саволу масъалаҳо, меъёри холгузорӣ, вақти иҷрои тест) омадааст. Барномаи имтиҳони ҳар фанни таълимиро аз сомонаи Марказ дастрас кардан метавон.

Дар низоми ИМД мувофиқи талаботи таҳсилоти миёнаю олии касбӣ ва навъи ихтисосҳо имтиҳонҳо ба қисмҳо ҷудо шудаанд, ки довталабон вобаста аз хатмкарда ё хатмкунандаи кадом зинаи таҳсилот буданашон барои дохил шудан ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ қисм(ҳо)и дахлдорро бояд супоранд. Қисмҳои имтиҳон, ки ***пас аз хатми муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфи 11-ум), муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ё миёнаи касбӣ барои довталаб, вобаста ба навъи ихтисосҳо, супоридани як ё ду, ё ҳар сеи он талаб карда мешавад***, чунинанд:

- **қисми А – имтиҳон дар заминаи барномаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ (синфи 11-ум);**
- **қисми В – имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорати махсус;**
- **қисми Г – имтиҳонҳои иловагии тахассусӣ.**

Барои дохил шудан ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ дар заминаи таҳсилоти умумии асосӣ (**синфи 9-ум**) довталабони дорои чунин таҳсилот бояд **қисми Б – имтиҳон дар заминаи барномаҳои таълимии таҳсилоти умумии асоси**ро супоранд. Агар ихтисосе, ки қабули донишҷӯён аз рӯйи он дар заминаи таҳсилоти умумии асосӣ ба роҳ монда мешавад, супоридани **қисми В**-ро талаб кунад, довталаби чунин ихтисосро интихобкарда, ба ғайр аз ду субтести аввали **қисми Б** (субтестҳои 1-ум ва 2-юм), **қисми В**-ро низ месупорад.

Навъи ихтисосҳо ва қисмҳои имтиҳон, ки аз зинаи таҳсилоти мувофиқ барои дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва ё олии касбӣ вобастаанд, дар ҷадвали 6-ум нишон дода шудааст.

Ҷадвали 6

**Навъи ихтисосҳо ва қисмҳои имтиҳон**

| Навъи ихтисос | Қисми имтиҳон | | | |
|---|---|---|---|---|
| | А | Б | В | Г* |
| 1-ум | ☑ | | | |
| 2-юм | ☑ | | ☑ | |
| 3-юм | ☑ | | | ☑ |
| 4-ум | | ☑ | | |
| 5-ум | | ☑ | ☑ | |

***ЭЗОҲ:** қисми **Г** (**имтиҳонҳои иловагии тахассусӣ**)-ро, бар замми қисми **А**, довталабони ихтисосҳоро аз филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе ва ё Донишгоҳи Осиёи Марказӣ интихобкарда месупоранд. Азбаски довталаб ихтисосҳоро аз ҳар ду муассисаи таълимӣ интихоб карда метавонад, **имтиҳонҳои иловагии тахассусӣ** шартан барои филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе бо "Г.1" ва барои Донишгоҳи Осиёи Марказӣ бо "Г.2" ифода карда мешавад.

**Навъи 1-ум** ихтисосҳоеро дар бар мегирад, ки онҳо супоридани танҳо имтиҳони қисми А-ро талаб мекунанд.

**Навъи 2-юм** ихтисосҳоест, ки тибқи онҳо супоридани ду субтести аввали қисми А (субтестҳои 1-ум ва 2-юм) ва қисми В талаб карда мешавад. Ҳангоми интихоби танҳо чунин ихтисос(ҳо) довталаб аз супоридани ду субтести охирини қисми А (субтестҳои 3-юм ва 4-ум) озод аст, яъне чунин довталаб аз китобчаи тест бояд танҳо ду субтести аввал (субтестҳои 1-ум ва 2-юм)-ро иҷро кунад. Азбаски китобчаи тест дар имтиҳон ба чунин довталаб низ бо 4 субтест пешниҳод мегардад, ӯ ихтиёр дорад, ки саволу масъалаҳои ҳар чор субтестро иҷро кунад. Ин ба довталабе, ки холҳои гузаришро аз ҳар чор субтест соҳиб шудааст, имкон медиҳад, ки дар ҳолати аз рӯйи ихтисосҳои супоридани имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорати махсусро талабкунанда дар озмуни тақсимоти асосӣ комёб нашуданаш барои иштирок дар озмуни тақсимоти такрорӣ ихтисосҳои дигарро низ интихоб кунад.

**Навъи 3-юм** ихтисосҳое аст, ки онҳо супоридани имтиҳонҳои қисмҳои А ва Г-ро талаб мекунанд.

**Навъи 4-ум** ихтисосҳоеро фаро мегирад, ки онҳо супоридани танҳо имтиҳони қисми Б-ро талаб мекунанд.

**Навъи 5-ум** аз ихтисосҳое иборат аст, ки онҳо супоридани ду субтести аввали қисми Б (субтестҳои 1-ум ва 2-юм) ва қисми В-ро талаб мекунанд. Ҳангоми интихоби танҳо чунин ихтисос(ҳо) довталаб аз супоридани субтести охирини қисми Б (субтести 3-юм) озод аст, яъне ӯ аз китобчаи тест бояд танҳо ду субтести аввал (1-ум ва 2-юм)-ро иҷро кунад. Азбаски ба чунин довталаб низ китобчаи тест дар имтиҳон бо 3 субтест пешниҳод мегардад, вай ихтиёри иҷро кардани саволу масъалаҳои ҳар се субтестро дорад. Ин ба довталаби холҳои гузаришро аз ҳар се субтест соҳибшуда имкон медиҳад, ки дар ҳолати комёб нашуданаш дар озмуни тақсимоти асосӣ аз рӯйи ихтисосҳои супоридани имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорати махсусро талабкунанда барои иштирок дар озмуни тақсимоти такрорӣ ихтисосҳои дигарро низ интихоб кунад.

Довталаб ихтисосҳоеро, ки аз рӯйи онҳо донишҷӯён дар заминаи таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфи 11-ум), ибтидоии касбӣ ва миёнаи касбӣ қабул карда мешаванд, вобаста аз навъашон аз рӯйи ҳолатҳои имконпазири зерин, ки супоридани қисмҳои дахлдорро талаб менамояд, интихоб карда метавонад:

- танҳо ихтисосҳои навъи 1-ум (қисми А);
- танҳо ихтисосҳои навъи 2-юм (қисми А (танҳо ду субтести аввал: 1-ум ва 2-юми ин қисм) ва қисми В);
- танҳо ихтисосҳои навъи 3-юм (қисмҳои А ва Г);
- ихтисосҳои навъи 1-ум ва 2-юм (қисмҳои А ва В);
- ихтисосҳои навъи 1-ум ва 3-юм (қисмҳои А ва Г);
- ихтисосҳои навъи 2-юм ва 3-юм (қисмҳои А, В ва Г);
- ихтисосҳои навъи 1-ум, 2-юм ва 3-юм (қисмҳои А, В ва Г).

Довталаб ихтисосҳоеро, ки аз рӯйи онҳо донишҷӯён дар заминаи таҳсилоти умумии асосӣ (синфи 9-ум) қабул карда мешаванд, вобаста аз навъашон аз рӯйи ҳолатҳои имконпазири зерин, ки супоридани қисмҳои дахлдорро талаб менамояд, интихоб карда метавонад:

- танҳо ихтисосҳои навъи 4-ум (қисми Б);
- танҳо ихтисосҳои навъи 5-ум (қисми Б (танҳо ду субтести аввал: 1-ум ва 2-юми ин қисм) ва қисми В);
- ихтисосҳои навъи 4-ум ва 5-ум (қисмҳои Б ва В).

## Қисми А

Дар қисми А (имтиҳон дар заминаи барномаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ) довталаб аз рӯйи талаботи гурӯҳи ихтисосҳои интихобнамудааш чор субтестро месупорад:

- **Гурӯҳи ихтисосҳои 1-ум:** (1) ***забони тоҷикӣ,*** (2) ***математика,*** (3) ***химия*** ва (4) ***физика*** . Вақти муқарраршуда барои иҷрои ин субтестҳо – **220 дақиқа**.
- **Гурӯҳи ихтисосҳои 2-юм:** (1) ***забони тоҷикӣ,*** (2) ***математика,*** (3) ***география*** ва (4) ***забони хориҷӣ****. Вақти муқарраршуда барои иҷрои ин субтестҳо – **200 дақиқа**.
- **Гурӯҳи ихтисосҳои 3-юм:** (1) ***забони тоҷикӣ,*** (2) ***таърих,*** (3) ***адабиёти тоҷик/забон ва адабиёти рус/забон ва адабиёти ӯзбек*** ва (4) ***забони хориҷӣ****. Барои довталабоне, ки ихтисоси “забон ва адабиёти ӯзбек”-ро интихоб кардаанд, субтести 3-юми имтиҳони қисми А **забон ва адабиёти ӯзбек** аст. Ин гуна довталабон ихтисосҳои самтҳои **забон ва адабиёти тоҷик** ва **забон ва адабиёти рус**ро интихоб карда наметавонанд. Забони имтиҳонсупорӣ барои чунин гурӯҳи довталабон аз субтести 2-юми қисми А (таърих) тоҷикӣ ё русӣ мешавад, яъне онҳо дар вақти бақайдгирӣ барои имтиҳонсупорӣ ё забони тоҷикӣ, ё русиро интихоб карда метавонанд.

Довталабони дигар, вобаста ба забони имтиҳонсупории интихобкардаашон, субтести 3-юми қисми А-ро аз адабиёти тоҷик (агар забони имтиҳонсупорӣ тоҷикӣ бошад) ё забон ва адабиёти рус (агар забони имтиҳонсупорӣ русӣ бошад) месупоранд. Барои ҷавоб додан ба саволҳо ва ҳалли масъалаҳои ин субтестҳо **190 дақиқа** муқаррар шудааст.

- **Гурӯҳи ихтисосҳои 4-ум:** (1) ***забони тоҷикӣ,*** (2) ***таърих,*** (3) ***ҳуқуқ*** ва (4) ***забони хориҷӣ*.*** Вақти муқарраршуда барои иҷрои ин субтестҳо – **190 дақиқа**.

| * | Довталаб дар интихоби субтест аз яке аз забонҳои хориҷӣ (англисӣ, немисӣ, франсавӣ, арабӣ)-и қисми А дар доираи **гурӯҳҳои ихтисосҳои 2-юм, 3-юм ва 4-ум** озод аст. |
|---|---|

- **Гурӯҳи ихтисосҳои 5-ум:** (1) ***забони тоҷикӣ,*** (2) ***биология,*** (3) ***химия*** ва (4) ***физика.*** Вақти муқарраршуда барои иҷрои ин субтестҳо – **220 дақиқа**.

Дар қисми А довталаб субтести забони тоҷикиро, ки дар доираи ҳамаи гурӯҳҳои ихтисосҳо пешбинӣ шудааст, ҳатман ба забони тоҷикӣ ва субтестҳои дигарро, ба истиснои субтести забон ва адабиёти ӯзбек ва субтести забони хориҷӣ, вобаста аз забони имтиҳонсупорӣ, ки ҳангоми бақайдгирӣ нишон додааст, ба забони тоҷикӣ ё русӣ месупорад. Саволу масъалаҳои тести қисми А дар асоси барномаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ ва китобҳои дарсии амалкунанда таҳия мегарданд.

## Қисми Б

Барои дохил шудан ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ пас аз хатми синфи 9-ум довталабон аз қисми Б (имтиҳон дар заминаи барномаҳои таълимии таҳсилоти умумии асосӣ) имтиҳон месупоранд.

Саволу масъалаҳои тест барои имтиҳони қисми Б дар асоси барномаҳои таълим ва китобҳои дарсии барои таҳсилоти умумии асосӣ (синфи 9-ум) таълифшуда таҳия мегарданд.

Дар имтиҳони қисми Б довталаб аз рӯйи талаботи гурӯҳи ихтисосҳои интихобнамудааш аз се фан имтиҳон месупорад. Дар ин қисм мувофиқи гурӯҳи ихтисосҳо китобчаи тест аз се субтест иборат аст:

**Гурӯҳи ихтисосҳои 1-ум:** (1) ***забони тоҷикӣ,*** (2) ***математика*** ва (3) ***физика***.

**Гурӯҳи ихтисосҳои 2-юм:** (1) ***забони тоҷикӣ,*** (2) ***математика*** ва (3) ***география***.

**Гурӯҳи ихтисосҳои 3-юм:** (1) ***забони тоҷикӣ,*** (2) ***адабиёти тоҷик/забони русӣ*** ва (3) ***забони хориҷӣ****.

**Гурӯҳи ихтисосҳои 4-ум:** (1) ***забони тоҷикӣ,*** (2) ***таърих*** ва (3) ***забони хориҷӣ****.

| * | Довталаб дар интихоби субтест аз яке аз забонҳои хориҷӣ (англисӣ, немисӣ, франсавӣ, арабӣ)-и қисми Б дар доираи **гурӯҳи ихтисосҳои 3-юм ва 4-ум** озод аст. |
|---|---|

**Гурӯҳи ихтисосҳои 5-ум:** (1) ***забони тоҷикӣ,*** (2) ***биология*** ва (3) ***химия.***

Довталаб субтестҳои забони тоҷикӣ, адабиёти тоҷик ва забони хориҷиро мувофиқан ба забони тоҷикӣ ва яке аз забонҳои хориҷии пешниҳодшаванда месупорад. Субтестҳои дигарро довталаб вобаста аз интихоби худ дар давраи бақайдгирӣ ба забони тоҷикӣ ё русӣ месупорад. Дар ҳолати русӣ будани забони имтиҳонсупорӣ довталабони гурӯҳи ихтисосҳои 3-юм ба ҷойи фанни адабиёти тоҷик аз фанни забони русӣ имтиҳон месупоранд.

Барои ҷавоб додан ба саволҳо ва ҳалли масъалаҳои се субтести ин қисми имтиҳон 150 дақиқа муқаррар шудааст.

## Қисми В

Қисми В (имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорати махсус)-ро, дар баробари субтестҳои дахлдори қисми А (имтиҳон дар заминаи барномаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ) ё қисми Б (имтиҳон дар заминаи барномаҳои таълимии таҳсилоти умумии асосӣ), довталабоне месупоранд, ки ҳангоми дохил шудан ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ аз рӯйи ихтисосҳои интихобнамудаашон дар асоси талаботу қоидаҳои муқарраргардида омодагии эҷодӣ ва (ё) маҳорати махсус доштанашон ҳатмист. Мақсад аз имтиҳонҳои қисми В санҷидани қобилияти эҷодӣ ва (ё) малакаи махсуси довталабон аз рӯйи ихтисосҳоест, ки ба самтҳои санъат ва фарҳанг, варзиш, дизайн, меъморӣ, ҳайкалтарошӣ ва динӣ мансубанд.

Имтиҳони қисми В-ро комиссияҳои имтиҳонӣ (фаннӣ)-и муассисаҳои таълимии дахлдор дар ҳамин муассисаҳо баргузор менамоянд.

Дар сурати якхела будани талаботи имтиҳонҳои эҷодӣ ва (ё) маҳорати махсуси як ё якчанд ихтисос дар чанд муассисаи таълимӣ довталаб метавонад як ё зиёда аз як ихтисосро аз якчанд муассисаи таълимӣ интихоб намояд. Дар чунин ҳолат довталаб ин имтиҳонҳоро дар муассисаи таълимии дахлдоре месупорад, ки ҳангоми бақайдгирӣ

онро ҳамчун макони супоридани қисми В интихоб кардааст. Агар дар як муассисаи таълимӣ якчанд ихтисосе, ки супоридани қисми В-ро аз рӯйи шартҳои якхела талаб мекунанд, мавҷуд бошад, довталаб аз ҳамин муассисаи таълимӣ якчанд чунин ихтисосро интихоб карда метавонад (рӯйхати пурраи ихтисосҳои қисми В-ро талабкунанда бо санҷишҳо дар замимаи 4-ум оварда шудааст).

Рӯйхати ихтисосҳое, ки супоридани қисми В-ро талаб менамоянд ва мазмуни чунин имтиҳонҳоро, аз ҷумла шакли баргузорӣ, миқдори санҷишҳоро Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад.

Рӯйхати ихтисосҳое, ки супоридани қисми В-ро талаб менамоянд ва мазмуни чунин имтиҳонҳоро, аз ҷумла шакли баргузорӣ, миқдори санҷишҳо ва фанҳои имтиҳонии ихтисосҳоро Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад.

Муассисаҳои таълимие, ки дар онҳо аз рӯйи ихтисосҳои супоридани қисми В-ро талабкунанда донишҷӯён таълим дода мешаванд, қоидаҳои баргузории имтиҳонҳои ин қисм, мӯҳлати баргузорӣ, вақти оғоз ва анҷоми онҳо, талабот нисбат ба довталабон дар имтиҳонҳо ва масъалаҳои дигари вобаста ба ин имтиҳонро муайян менамоянд.

Имтиҳонҳои қисми В **аз 1-ум то 8-уми июл** баргузор мегардад. Имтиҳонҳои қисми мазкур барои довталабоне, ки дар даври асосии ин имтиҳонҳо бо сабабҳои гуногун иштирок карда натавонистаанд ё дар марҳалаи иловагии азнавбақайдгирӣ ё бақайдгирӣ аз қайд гузаштаанд, **рӯзҳои 9-ум ва 10-уми июл** доир мегардад.

Агар довталаб аз якчанд муассисаи таълимӣ ихтисосеро интихоб кунад, ки талаботи супоридани қисми В аз рӯйи ин ихтисос дар ин муассисаҳои таълимӣ якхела аст, холи аз ин қисм бадастовардааш барои ихтисоси мазкур дар ҳамаи муассисаҳои таълимии дахлдори интихобкардааш **эътибори баробар дорад** (яъне, агар тибқи ихтисоси интихобкарда аз имтиҳонҳои эҷодӣ ва ё маҳорати махсус дар як муассисаи таълимӣ, масалан, соҳиби 80 хол шуда бошад, барои муасисаҳои таълимии дигар низ, ки ҳамин ихтисоси онҳоро гирифтааст, натиҷаи имтиҳони мазкур 80-холӣ ҳисоб карда мешавад). Ҳамчунин, агар довталаб аз як муассисаи таълимӣ ихтисосҳоеро интихоб кунад, ки талаботи супоридани қисми В аз рӯйи ин ихтисосҳо якхела аст, холи аз ин қисм бадастовардааш барои ҳамаи чунин ихтисосҳои интихобкардааш **эътибори баробар дорад** (яъне, агар тибқи як ихтисоси интихобкарда аз имтиҳонҳои эҷодӣ ва ё маҳорати махсус дар ин муассисаи таълимӣ, масалан, соҳиби 80 хол шуда бошад, барои ихтисосҳои дигари интихобкардааш низ натиҷаи имтиҳони мазкур 80-холӣ хоҳад шуд).

Довталабони дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфи 11-ум), ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, ки **танҳо ихтисосҳои дорои имтиҳонҳои эҷодӣ ва (ё) маҳорати махсусро** интихоб менамоянд, аз супоридани ду субтести охир (сеюм ва чорум)-и **қисми А** озоданд, яъне онҳо **қисми В** ва фақат ду субтести аввал (якум ва дуюм)-и **қисми А**-ро месупоранд. Новобаста аз ин, китобчаи тест дар имтиҳон ба чунин довталабон бо 4 субтест пешниҳод мегардад ва онҳо ихтиёр доранд (яъне, агар хоҳанд, метавонанд), ки саволу масъалаҳои ҳар чор субтестро иҷро кунанд. Дар чунин ҳолат довталабони холи гузаришро аз ҳар чор субтест соҳибшуда имкон пайдо мекунанд, ки дар сурати комёб нашуданашон дар озмуни тақсимоти асосӣ аз рӯйи ихтисосҳои супоридани **қисми В**-ро талабкунанда барои иштирок дар озмуни тақсимоти такрорӣ ихтисосҳои дигарро низ интихоб кунанд.

Инчунин, довталабони дорои таҳсилоти умумии асосӣ (синфи 9-ум), ки **танҳо ихтисосҳои дорои имтиҳонҳои эҷодӣ ва (ё) маҳорати махсусро** интихоб менамоянд, аз супоридани субтести охир (сеюм)-и **қисми Б** озоданд, яъне онҳо **қисми В** ва фақат ду субтести аввал (якум ва дуюм)-и **қисми Б**-ро месупоранд. Новобаста аз ин, китобчаи тест дар имтиҳон ба чунин довталабон низ бо 3 субтест пешниҳод мегардад ва онҳо ихтиёр доранд, ки саволу масъалаҳои ҳар се субтестро иҷро кунанд. Дар чунин ҳолат довталабони холи гузаришро аз ҳар се субтест соҳибшуда имкон пайдо мекунанд, ки дар сурати комёб нашуданашон дар озмуни тақсимоти асосӣ аз рӯйи ихтисосҳои супоридани **қисми В**-ро талабкунанда барои иштирок дар озмуни тақсимоти такрорӣ ихтисосҳои дигарро низ интихоб кунанд.

Довталаб бояд қаблан, то рӯзи саршавии имтиҳони қисми В, дар назди комиссияи қабули муассисаи таълимии дахлдор ҳозир гардида, аз талаботи имтиҳонҳо ва рӯзи машварат огоҳ шавад. Барои супоридани имтиҳонҳои эҷодӣ ва (ё) маҳорати махсус дар муассисаҳои таълимии дахлдор варақаи бақайдгирӣ ва даъватномаи довталаб ҳуҷҷати расмӣ ба ҳисоб меравад. Дар рӯзи имтиҳон ба ғайр аз ин ҳуҷҷатҳо бо худ овардани шиноснома ё ҳуҷҷати дигари тасдиққунандаи шахсият бо муҳру сурат ҳатмист.

Натиҷаи аз қисми В бадастовардаи довталаб дар озмуни тақсимот танҳо барои ихтисосҳое ба назар гирифта мешавад, ки супоридани ин имтиҳонҳоро талаб мекунанд. Инчунин, агар довталаби ихтисосҳои қисми В-доштаро интихобкарда қисми А-ро пурра супорида бошад, барои ихтисосҳое, ки супоридани қисми В-ро талаб мекунанд, натиҷаҳои бадастовардаи довталаб танҳо аз ду субтести аввал (1-ум ва 2-юм)-и қисми А ба назар гирифта мешавад (нигаред ба ҷадвали 7-ум). Барои чунин ихтисосҳо натиҷаҳои аз ду субтести охир (3-юм ва 4-ум)-и қисми А бадастовардаи довталаб ба назар гирифта намешавад.

Ҷадвали 7

**Субтестҳои қисми А, ки вобаста аз гурӯҳи ихтисосҳо довталаби ихтисосҳои дорои қисми В-ро интихобкарда бояд онҳоро ҳатман, бар замми қисми В, иҷро кунад***

| **Гурӯҳи ихтисосҳо** | **Фанҳои имтиҳон (субтестҳо)** | |
|---|---|---|
| | **1-ум** | **2-юм** |
| Табиӣ ва техникӣ | Забони тоҷикӣ | Математика |
| Филология, педагогика ва санъат | Забони тоҷикӣ | Таърих |
| Ҷомеашиносӣ ва ҳуқуқ | Забони тоҷикӣ | Таърих |
| Тиб, биология ва варзиш | Забони тоҷикӣ | Биология |

***Эзоҳ: азбаски дар гурӯҳи ихтисосҳои 2-юм ихтисосҳои қисми В-дошта мавҷуд нест, дар ҷадвали 7-ум ин гурӯҳи ихтисосҳо нишон дода нашудааст.***

Ҳамчунин, агар довталаби ихтисосҳои қисми В-доштаро интихобкарда қисми Б-ро пурра супорида бошад, барои ин гуна ихтисосҳо натиҷаҳои бадастовардааш танҳо аз ду субтести аввал (1-ум ва 2-юм)-и қисми мазкур ба назар гирифта мешавад (нигаред ба ҷадвали 8-ум). Барои чунин ихтисосҳо **натиҷаи аз субтести охир (3-юм)-и қисми Б бадастовардаи довталаб ба назар гирифта намешавад**.

Ҷадвали 8

**Субтестҳои қисми Б, ки вобаста аз гурӯҳи ихтисосҳо довталаби ихтисосҳои қисми В-доштаро интихобкарда бояд онҳоро ҳатман, бар замми қисми В, иҷро кунад***

| Гурӯҳи ихтисосҳо | Фанҳои имтиҳон (субтестҳо) | |
|---|---|---|
| | 1-ум | 2-юм |
| Табиӣ ва техникӣ | Забони тоҷикӣ | Математика |
| Филология, педагогика ва санъат | Забони тоҷикӣ | Адабиёти тоҷик/забони русӣ |
| Тиб, биология ва варзиш | Забони тоҷикӣ | Биология |

***Эзоҳ: азбаски дар гурӯҳи ихтисосҳои 2-юм ва 4-ум ихтисосҳои қисми В-дошта мавҷуд нест, дар ҷадвали 8-ум ин гурӯҳҳои ихтисосҳо нишон дода нашудааст.***

## Қисми Г

Довталабоне, ки ихтисосҳоро аз филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе ва ё Донишгоҳи Осиёи Марказӣ интихоб кардаанд, бар замми қисми **А**, қисми **Г** (**имтиҳонҳои иловагии тахассусӣ**)-ро месупоранд. Азбаски довталаб ихтисосҳоро аз ҳар ду муассисаи таълимӣ интихоб карда метавонад, **имтиҳонҳои иловагии тахассусӣ** шартан барои филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе бо "Г.1" ва барои Донишгоҳи Осиёи Марказӣ бо "Г.2" ифода карда мешавад.

Дар қисми Г.1 довталаб аз рӯйи талаботи гурӯҳи ихтисосҳои интихобнамудааш аз 2 фан имтиҳон месупорад:

- **Гурӯҳи ихтисосҳои 1-ум ва 2-юм:** (1) *математика (имтиҳони хаттӣ)* ва (2) ***забони русӣ (нақли хаттӣ).***
- **Гурӯҳи ихтисосҳои 3-юм:** (1) *забони хориҷӣ (имтиҳони хаттӣ)* ва (2) *забони русӣ (нақли хаттӣ)*.
- **Гурӯҳи ихтисосҳои 4-ум:** (1) *таърихи Россия (имтиҳони хаттӣ)* ва (2) *забони русӣ (нақли хаттӣ)*.
- **Гурӯҳи ихтисосҳои 5-ум:** (1) *химия (имтиҳони хаттӣ)* ва (2) *забони русӣ (нақли хаттӣ)*.

Дар қисми Г.2 довталаб, новобаста аз гурӯҳи ихтисосҳои интихобкардааш, 3 имтиҳон месупорад:

1) математика (хаттӣ);
2) забони англисӣ (тест ва эссе);
3) мантиқ (хаттӣ).

Забони имтиҳонсупорӣ барои ҳамаи санҷишҳои қисми Г.2 **англисӣ** аст. Имтиҳонҳои ин қисмро Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Бохтар, Кӯлоб ва Хоруғ баргузор мекунад. Маълумоти муфассал дар бораи масъалаҳои марбут ба донишгоҳ дар сомонаи Марказ ва Донишгоҳи Осиёи Марказӣ (**https://ucentralasia.org**) ҷой дода мешавад.

Интихоби забони имтиҳонсупорӣ дар қисми А барои довталабоне, ки ихтисосҳоро аз филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе ва ё Донишгоҳи Осиёи Марказӣ интихоб кардаанд, дар ихтиёри худи онҳост, ки ҳангоми бақайдгирӣ кадом забонро (тоҷикӣ ё русӣ) барои имтиҳонсупорӣ нишон медиҳанд, аммо ҳамаи фанҳо аз қисми Г.1 ба забони русӣ ва аз қисми Г.2 ба забони англисӣ супорида мешавад.

*

Довталаби ихтисосҳоро аз филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе интихобкарда **қисми Г.1-ро дар ҳамин филиал** ва довталаби ихтисосҳоро аз Донишгоҳи Осиёи Марказӣ интихобнамуда **қисми Г.2-ро дар яке аз марказҳои имтиҳонии дар шаҳру ноҳияҳо ташкилкардаи ин донишгоҳ месупорад**. Агар довталаб ихтисосҳоро аз ҳар ду муассисаи таълимӣ интихоб карда бошад, натиҷаи бадастовардааш аз **қисми Г.1** барои Донишгоҳи Осиёи Марказӣ ва баръакс, холҳои бадастовардаи ӯ аз **қисми Г.2** барои филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе ба назар гирифта намешавад. Инчунин, натиҷаи аз **қисми Г.1** ва ё **қисми Г.2** бадастовардаи довталаб барои ихтисосҳое, ки супоридани ин қисмро талаб намекунанд, ба ҳисоб гирифта намешавад.

!

**Қисми В бевосита дар муассисаҳои таълимии дахлдор аз 1-ум то 8-уми июл ва даври иловагии ин имтиҳонҳо рӯзҳои 9-10-уми июл баргузор мегардад.**

**Қисми Г.1 дар филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе ва қисми Г.2 дар марказҳои имтиҳонии Донишгоҳи Осиёи Марказӣ доир мегардад. Замони баргузории онҳоро муассисаҳои таълимии мазкур муайян мекунанд.**

!

**Агар довталаби дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфи 11-ум), ибтидоии касбӣ ё миёнаи касбӣ ҳам ихтисосҳои навъи 1-ум ва ҳам ихтисосҳои навъи 2-юмро интихоб карда бошад, бар замми пурра супоридани қисми А, қисми В-ро низ месупорад. Дар сурати танҳо ихтисосҳои навъи 2-юмро интихоб кардан довталаб бояд ду субтести аввали қисми А (субтестҳои 1-ум ва 2-юм) ва қисми В-ро супорад. Агар довталаби мазкур ҳам ихтисосҳои навъи 2-юм ва ҳам ихтисосҳои навъи 3-юмро интихоб карда бошад, бар замми қисми А, қисмҳои В ва Г-ро низ месупорад.**

**Агар довталаби дорои таҳсилоти умумии асосӣ (синфи 9-ум) танҳо ихтисосҳои навъи 4-умро интихоб карда бошад, қисми Б-ро месупорад. Дар ҳолати танҳо ихтисосҳои навъи 5-умро интихоб кардан, довталаб бояд қисми В ва ду субтести аввали қисми Б (субтестҳои 1-ум ва 2-юм)-ро супорад. Агар довталаби мазкур ҳам ихтисосҳои навъи 4-ум ва ҳам ихтисосҳои навъи 5-умро интихоб карда бошад, бар замми пурра супоридани қисми Б, қисми В-ро низ месупорад.**

!

**Ихтисоси “Тарбияи ҷисмонӣ. Омодагии дифои ҳарбӣ”-ро аз Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов танҳо мардоне интихоб карда метавонанд, ки таваллудашон на пештар аз моҳи октябри соли 1998 аст. Ихтисосҳоро аз Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам-Абӯҳанифа Нуъмон ибни Собит низ танҳо мардон интихоб карда метавонанд.**